# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA - 091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ))

Парвандаи аттестатсионии № ______________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми сентябри соли 2026, № 16

Барои сазовор донистани Изатуллозода Рамазон Хайрулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)).

Диссерататсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-091-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба ҳимоя қабул карда шуд (протоколи № 16 аз 15.09.с.2026).

Изатуллозода Рамазон Хайрулло 27-уми январи соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик. Соли 2015 ба факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси “Экология” хатм намудааст. Соли 2019 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси “Экология” дохил шуда, соли 2021 онро хатм намудааст. Пас аз хатми магистратура соли 2022 (фармоиши №30001/23-413 аз 05.09.с.2022) ба ҳайси докторанти (PhD) дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) қабул гардида, онро соли 2025 хатм намудааст (фармоиши 30001/23-285 аз 01.07.с.2025).

Кори диссертатсионии докторанти (PhD) Изатуллозода Р.Х. дар мавзуи «Истифодабарии тафолаҳои пӯлодгудозӣ барои истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» дар ҷаласаи Шурои илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ (протоколи №11/4.4, аз 05.10. с. 2022) таҳти роҳбарии н.и.т. дотсент Зоиров Ф.Б. тасдиқ гардида, мавзуи диссертатсия бо тавсияи олимони соҳа дар Шурои илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ба «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» иваз ва тасдиқ шудааст (протоколи №2, аз 25.02. с. 2025).

Аз соли 2019 то соли 2021 ба ҳайси омӯзгор дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31-и ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе фаъолият намудааст. Аз соли 2021 то соли 2023 ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МД Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба

номи Мирзо Турсунзода, солҳои 2023-2024 сармутахассиси шуъбаи марказ дар ноҳияи Шоҳмансури МД Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи ш. Душанбе ва соли 2024 то инҷониб ходими илмии шуъбаи тадқиқоти муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиӣ Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар шуъбаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ иҷро шудааст.

Маълумотномаи академӣ (Транскрипт) дар бораи супоридани имтиҳонҳои таълимӣ аз рӯйи фанҳо (№105 аз 13.04.с. 2026), аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Изатуллозода Р.Х. дар ҷаласаи васеи шуъбаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ (протоколи №1, аз 29.04. с. 2026) муҳокима ва қабул шудааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: н.и.т., дотсент Зоиров Ф.Б.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Рузиев Ҷура Раҳимназарович** - доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи «Химияи татбиқӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
2. **Раҳимов Илҳомиддин Мирзоевич** - номзади илмҳои техникӣ, мудири озмоишгоҳи «Коркарди комплексии ашё ва партовҳои саноатӣ», Институти кимиёи ба номи В.И. Никитин АМИТ.

**Муассисаи пешбар** - КВД «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мушовири директор оид ба масъалаҳои илмӣ КВД «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фазилов А.Р., н.и.т., дотсент Нуманов О.Р. ва котиби ҷаласа Саидов М.Э. имзо гардида, аз ҷониби директори КВД «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Саломзода М.М. санаи 24.08.с.2026 тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 “Дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда” тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Корҳои таҳқиқотии диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона иҷро гардида, сатҳи навгонии илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои

илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 15 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 9 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ нашр намуда, як нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироъ гирифта шудааст.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқотӣ ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводҳои чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 "Дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда" тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Таълифоти илмӣ** дар мавзуи диссертатсия. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст:

**[1-М]. Изатуллозод Р. Х.** Таҳқиқи физикӣ-химиявии таркиби пӯлодгудохтаҳои кафҳосилкунанда дар КВД «Корхонаи машинасозӣ» [Матн] / Р. Х. Изатуллозод, Х. Б. Бобоев, Ф. Б. Зоиров // Илм ва фановарӣ. – №2. – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 252-256. ISSN 2312-3648

**[2-М]. Изатуллозода Р. Х.** Омӯзиши вазъи радиатсионии тафолаи пӯлодгудозӣ (дар мисоли КВД «Корхонаи мошинсозӣ») [Матн] / Р. Х. Изатуллозода // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2024. – № 2. – Душанбе: ДМТ, 2024. – С. 135-138.

**[3-М]. Изатуллозода Р. Х.** Хусусиятҳои физикӣ - механикии намунаҳои хишти сафолӣ дар асоси тафолаи оҳани оҳангудозӣ (натиҷаҳои озмоишҳои саноатӣ ва лабораторӣ) [Матн] / Р.Х. Изатуллозода, Ҳ.Б. Бобоев, Ф.Б. Зоиров // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – №. 4. – Душанбе: ДМТ, 2024. – С. 175-180. ISSN 2664-1534

**[4-М]. Изатуллозода Р. Х.** Озмоишҳои физикӣ ва механикии намунаҳои блоки сементӣ бо истифода аз тафолаҳои пӯлодгудозии КВД «Коргоҳи машинсозӣ» [Матн] / Р.Х. Изатуллозода, Ҳ.Б. Бобоев, Ф.Б. Зоиров // Паёми ДМТ. Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. №3. – Душанбе: ДМТ, 2025. – С. 187-193. ISSN: 2664-1534

**[5-М]. Изатуллозода Р. Х.** Арзёбии истифодабарии тафолаҳои пулодгудозӣ дар истеҳсоли плитаҳои роҳи пиёдагард [Матн] / Б.Ҳ. Бобоев., Р.Х. Изатуллозода, Б.Ф. Зоиров // Паёми филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – 2025. – № 4.(51) – С. 54 – 65.

**[6-М]. Изатуллозода Р.** Идоракунии партовҳо: аз мушкилот то рушди сабз [Матн] /Р.Х. Изатуллозода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ. №3. – Душанбе: ДДОТ, 2025. – С. 13-19. ISSN: 2707-9996

**[7-М]. Изатуллозода Р.Х.** Таъсири технологияи нав ба раванди коркарди партовҳои истеҳсолӣ [Матн] / Р.Х. Изатуллозода // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. №2. – Душанбе: ДМТ, 2025. – С. 147-152. ISSN: 2664-1534

**[8-М]. Изатуллозода Р.** Омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии партовҳои сахти коммуналӣ [Матн] / Р.Х. Изатуллозода // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. №1. – Душанбе: ДМТ, 2025. – С. 221-227. ISSN: 2664-1534

**[9-М]. Изатуллозода Р.** Механизми экологӣ-иқтисодии коркарди партовҳо ҷиҳати гузариш ба иқтисоди даврӣ [Матн] / Ф.Р. Шарофзода, Ф.П. Арабов, Р.Х. Изатуллозода // Иқтисодиёт ва сайёҳӣ: тамоюлҳо ва дурнамо. – 2026. – №. 1(9). – С. 282-296.

***Нахустпатент***

**[10-М]. Изатуллозода Р.** Нахуспатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № TJ 1629. Массаи сафолӣ барои истеҳсоли хишт // Р. Изатуллозода, Ҳ.Б. Бобоев, Ф.Б. Зоиров// Ҷумҳурии Тоҷикистон. Идораи патентӣ. Нахустпатенти № TJ 1629. Душанбе – 2025, аризаи №2502074.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Мирзозода Б. – д.и.т., ходими калони илмии муъбаи илм, робитаҳои байналмилалӣ ва таъбу нашри Филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар ш. Душанбе. Дар тақриз эродҳо нишон дода шудааст:

- муаллиф дар тавсия намудани истифодабарии блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ, ки бо иловаи тафола истеҳсол шудааст, аз руи шароити табиӣ ва иқлимӣ асоснок накардааст;
- дар кори илмӣ ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда (ГОСТ) пешниҳод шудаанд. Агар кори илмии муаллиф мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда бо нишон додани баъзе фарқиятҳо дар ҷадвалҳои овардашуда анҷом дода мешуд, сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

2. Маликов Т.С.– н.и.х., сармутахассиси шуъбаи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ ва патенткунонии Раёсати АМИТ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Дар тақриз эродҳо нишон дода шудааст:

- тавсифи коркарди оморӣ барои ҳамаи силсилаҳои таҷриба яксон нест: шумораи такрорҳо, парокандагӣ, фосилаи эътимод ва меъёрҳои муқоисаи оморӣ барои блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ пурра нишон дода нашудаанд. Ворид кардани ин маълумот эътимоднокии натиҷаҳои микдориро тақвият медод;
- самараи 135,21 сомонӣ ба 1000 дона хишт ва сарфаи то 20 фоизи семент натиҷаҳои арзишманд мебошад, вале дар автореферат сохтори хароҷот, нархҳои ҳисобӣ, хароҷоти майдакунӣ ва назорати сифат, инчунин ҳасосияти натиҷа ба тағйири нархҳо муфассал инъикос нашудааст. Шарҳи онҳо татбиқи саноатиро асоснoктар мегардонид.

3. Бобоёров М.Д. – н.и.х., мудири шуъбаи илмӣ – тадқиқотӣ ва таъмини сифати Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ. Дар тақриз эродҳо нишон дода шудааст:

- дар автореферати диссертатсия расмҳои 15 ва 16 муаллиф блок – нақшаи принсипиалии хатти муосиргардонидашудаи истеҳсоли хишти сафолӣ дар ҶДММ «Аква» ва нақшаи технологии истеҳсол кардани блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ пешниҳод намудааст. Оё нақшаи пешниҳодгардида дар ҶДММ «Аква» истифода мешавад ва ё дар дигар корхонаҳои саноати истифода бурдан мумкин аст?

- дар расми 4 -и автореферат нақшаи технологии пухтани хишти сафолӣ (керамикӣ) дар хумдони нақбӣ оварда шудааст, ки дар қисми боло ва поёни расм баъзе хатҳои тасвирёфта бе навиштаҷот оварда шудааст;

- дар таҳияи матн, нақшаҳо ва ҷадвалҳо баъзе хатогиҳои техникӣ ҷой доранд.

Дар тақризҳои воридгардида қайд карда мешавад, ки камбудиҳои дар боло зикргардида тавсияви буда, баҳои воқеии кори илмии муаллифро коста намегардонад.

Дар тақризҳо муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин, кори диссертатсионии Изатуллозода Р.Х. таҳқиқоти ба анҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мебошад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-69 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 "Дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда" тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи мазкур ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, дар ин соҳа корҳои илмӣ ва аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифотҳои илмӣ доранд. Аз ин лиҳоз, ба кори диссертатсонӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, наворвари илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда буда, мутахассисони илмии соҳаи техника, химия ва самти коркарди партовҳои саноатӣ мебошанд. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар ба шумор рафта дар он мутахассисони варзидаи соҳаи сохтмон ва меъморӣ ба фаъолияти илмӣ машғул мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** истифодабарии тафолаи оҳангудозӣ барои истеҳсол намудани масолеҳи сохтмонӣ (хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ), хусусиятҳои сохтмонӣ ва техникии маводҳои

истеҳсолгардида, инчунин коҳишёбии ҳаҷми хиштҳои сафолӣ вобаста ба миқдори фоизии тафолаи оҳангудозӣ омӯхта шуданд. -

**пешниход шудааст**, ки илова намудани тафолаи оҳангудозӣ ҳамчун модификатори химиявӣ дар омехтаи ашёи хом дар истеҳсоли хиштҳои сафолӣ, блокҳои бстонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ ба стандартҳои давлатии сохтмони ҷавобгу буда, барои бартараф намудани таъсири партовҳои сахти (тафолаҳои) металлургӣ ба муҳити зист мусбӣ арзёби мегардад.

- **исбот шудааст**, ки:

- мавзуъ ба ҳалли масъалаи вокеъии экологӣ, яъне кам кардани ҷамъшавии партовҳои тафолагӣ ва истифодаи захираҳои дуюмдараҷа равона шудааст;

- дастгоҳи илмии кор пайдарҳам буда, чор вазифа тамоми занҷири “ашёи хом-маҳсулот-технология-самара”-ро фаро мегирад;

- пойгоҳи методӣ маҷмӯи буда, таҳлилҳои химиявӣ, минералогӣ, гранулометрӣ ва радиатсионӣ бо санҷишҳои физикию механикӣ муттаҳид шудаанд;

- таҳқиқот танҳо дар доираи озмоишгоҳ набуда, истеҳсоли таҷрибавии хишт дар ҶДММ “Аква” ва санҷиш дар озмоишгоҳҳои соҳавӣ анҷом ёфтааст;

- натиҷаҳо бо рақамҳои мушаххас ва муқоиса бо стандартҳо, аз ҷумла 25,24 Бк/кг, М100 барои хишт ва бетон, 23,32 МПа барои тахтасанг асоснок шудаанд;

-барои се навъи маҳсулот таркибҳои муносиби алоҳидаи истифодабарии тафола муайян шуда, ҳудуди зиёдшавии илова, ки метавонад сифатро паст кунад, нишон дода шудааст;

- натиҷаи технологӣ бо нахустпатенти № TJ 1629 ҳифз гардида, дорои иқтидори баланди татбиқ ва тиҷоратикунонӣ мебошад;

-саҳми шахсии довталаб, апробатсияи натиҷаҳо ва шумораи интишорот дар кори илмӣ равшан нишон дода шудааст.

Дар маҷму исбот карда шуд, ки маҳсулоти сохтмонии истеҳсолшуда бо нишондиҳандаҳои баланди сифат ва хосиятҳои сохтмонӣ - техникӣ истеҳсол гардида, бо кам кардани хароҷоти ашёи хоми асосӣ, инчунин ҳалли мушкилоти экологӣ дар истеҳсолоти металлургӣ ва оҳангудозӣ мусоидат менамояд.

- **ҷорӣ намудани** натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияро дар корҳои илмӣ ва таълимӣ ҳангоми тайёр намудани муҳандисон, бакалаврҳо ва магистрҳо дар самтҳои «Сохтмони роҳҳо ва аэродромҳо», «Истеҳсоли конструксияҳо, маснуот ва масолеҳҳои сохтмонӣ», «Ҳифзи муҳандисии муҳити зист» дар муассисаҳои гуногуни олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст, ки истифодабарии партовҳои сахти саноати оҳангӯдозӣ ва металлургӣ метавонад дар ҳал намудани масъалаҳои экологӣ оид ба коркард ва безараргардонӣ, инчунин сарфаҷӯӣ кардани захираҳои табиӣ заминагузорӣ намояд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта асосҳои

назариявӣ ва методологии таҳқиқот хуб шарҳ дода шуда, мубрамият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ асоснок гардидааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси усулҳои муосири илмӣ анҷом дода шуда, натиҷаҳои бадастомада сатҳи ҳаллу фасли масъалаҳои дар назди диссертатсия гузошташударо инъикос менамоянд.

-**баён шудани** тавсияҳои умумӣ нишон медиҳанд, ки истифода бурдани тафолаи оҳангудозӣ дар омехтаҳои маводҳои сохтмонӣ, ки дар он радионуклидҳо мавҷуд ҳастанд, ба меъёрҳои техникӣ-санитарии ҚС.2.6.1.798-99 ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми илова намудани тафола ба хиштҳои сафолӣ (то 15кг дар 1м$^3$), блокҳои бетонӣ (20-30% дар 0,005м$^3$) ва тахтасангҳои пиёдароҳ (то 15% дар 0,0091м$^3$(кг)) устуворӣ ва мустаҳкамии масолеҳи истеҳсолшударо ба меъёрҳои сохтмонӣ таъмин менамояд.

- **ошкор гардидааст**, ки партовҳои тафолаҳои истеҳсолоти металлургӣ (оҳангудозӣ) захираи арзишманд ба ҳисоб рафта, барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мусоидат менамоянд. Чунин тафолаҳои истеҳсолоти металлургӣ (оҳангудозӣ) ҳамчун ашёи хоми сохтмонӣ арзон буда, бисёр корхонаҳои металлургӣ ва оҳангудозии ҷумҳурӣ тайёранд, ки ин партовҳои техногениро бепул диҳанд ва аз ҳудуди корхонаҳо тоза намоянд.

- **омӯхта шуданд:** натиҷаҳои таҳқиқотҳои экспериментали нишон дод, ки тафолаи оҳангудозӣ ҳамчун модификатори химиявӣ дар омехтаи ашёи хом дар истеҳсоли хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ пурра бо шиносномаи техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии стандартҳои давлатӣ дар соҳаи сохтмонӣ ҷавобгу мебошад ва таъсири зарарноки партовҳои тафолаҳои истеҳсолоти металлургӣ (оҳангудозӣ) ба муҳити атроф коҳиш медиҳад. Дар блокҳои бетонии сохтмонӣ муайян карда шуд, ки тафолаи оҳангудозӣ (дар шакли хока) ба сифати ашёи хоми дуюмдараҷа метавонад то 20% вазни портландсементро иваз намояд.

- **аз нав такмил додани усулҳои маъмулӣ ва муосир**: барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ таркиб ва хусусияти ашёи хом, тафолаи оҳангудозӣ ва сифати маҳсулоти истеҳсолгардида тавассути усули муосири илмии физикӣ-химиявӣ, гранулометрӣ, радиатсионӣ ва сохтмонӣ – техникӣ омухта шуда, ҷанбаҳои экологӣ, сифати маҳсулоти истеҳсолгардида ва сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ муайян карда шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф барои пешбурди корҳои илмӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ таҳия шуда, ба баланд гардидани самаранокии экологию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

- **муайян карда шуданд**, ки истифодабарии тафола ба сифати модификатори химиявӣ дар омехтаи ашёи хоми маводи сохтмони ба стандартҳои давлатии сохтмонӣ ҷавобгу буда, аз назари иқтисодӣ самаранок мебошад.

- **коркард карда шуд**, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд дар таҳияи барномаҳои давлатӣ, барои корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сохтмонӣ ва кормандони илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин барои тайёр намудани

бакалаврҳо ва магистрҳо дар мактабҳои олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шавад.

**- муаррифӣ карда шуд**, ки ҷанбаҳои илмии истифодабарии тафола ба сифати модификатори химиявӣ дар омехтаи ашёи хоми маводи сохтмонӣ (хишти сафолӣ, блоки бетонӣ, тахтасанги пиёдароҳ).

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон медиҳад, ки докторанти (PhD) ҳангоми таҳқиқотҳои илмӣ ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии дохилӣ ва хориҷӣ такя намуда, ҷиҳати ҳали мақсадҳои гузошташуда дар самти таҳқиқоти коркард ва истифодабарии тафола ба сифати модификатори химиявӣ дар омехтаи ашёи хоми маводи сохтмонӣ бо
истифодабарии усулҳои муосири таҳлили физикӣ-химиявӣ, гранулометрӣ, радиатсионӣ ва физикию механикии намунаҳои масолеҳи сохтмонии таҳлил асоснок намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллиф дар ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти соҳавӣ, вазифагузорӣ ва таҳлили вазифаҳои гузошташуда, ташкили шароити мусоид барои гузаронидани таҳлилҳои озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, ҷамъбасти мазмуни асосӣ, таҳияи диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ мебошад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ (аз 15 сентябри соли 2026, протоколи № 16 ) қарор қабул карда шуд, ки ба Изатуллозода Р.Х. дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосӣ 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.с.2025 №78/шд ва бо тағйиру иловаҳо ба ҳайати шуро аз 01.09.с.2025 №307/шд тасдиқ гардидааст, 7 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм ва 2 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 7 нафар аъзои шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, **овоз доданд**: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосӣ 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)) - 7 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-091,
д.и.т., профессор, узви вобастаи АМИТ Ҳақдод М.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои техникӣ Бобоев Ҳ.Б.

*Имзои д.и.т., профессор Ҳақдод М.М. ва н.и.т. Бобоев Ҳ.Б. - ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори РК ва КМ ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.*
Санаи барасмиятдарории хулоса 15.09. с. 2026

## ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА - 091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими

аз 15.09. с. 2026 ш. Душанбе

Сухнронии Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)), тақризи муассисаи пешбар - КВД «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», суханронии муқаризони расмӣ: Рузиев Ҷура Раҳимназарович - доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи «Химияи татбиқӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Раҳимов Илҳомиддин Мирзоевич - номзади илмҳои техникӣ, мудири озмоишгоҳи «Коркарди комплексии ашё ва партовҳои саноатӣ», Институти кимиёи ба номи В.И. Никитин АМИТ ва баромадҳои аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.т., профессор Ҳақдод М.М., д.и.физ-мат. профессор Абдуллозода С.Ф., д.и.т. Гулаҳмадзода А.А. ва доктор PhD, дотсент Ҷурахонзода Р.Ҷ. мавриди баррасӣ қарор дода, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Изатуллозода Рамазон Хайрулло

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Изатуллозода Рамазон Хайрулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои техникӣ ба Изатуллозода

Рамазон Хайрулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 7 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-091,
д.и.т., профессор, узви вобастаи АМИТ Ҳақдод М.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои техникӣ Бобоев Ҳ.Б.

*Имзои д.и.т., профессор Ҳақдод М.М. ва н.и.т. Бобоев Ҳ.Б. - ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори РК ва КМ ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.*

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
СПЕЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ